**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҷабов Абубакр Ашурович таҳти унвони «Хусусиятҳои овоӣ ва сохториву маънои калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ, Душанбе, 2021, 25 саҳ.**

Таҳқиқу омӯзиши гӯйишҳои минтақаҳои гуногуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҳалҳои тоҷикнишини хориҷи кишвар аз масъалаҳои муҳим ва умдаи илми забоншиносӣқарор гирифта, дар ин замина осори илмии зиёде низ рӯйи кор омадааст. Бо вуҷуди ин ҳама масъалаи мазкур аҳамияти бештар касб мекунад зеро ба таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «дар раванди ҷаҳонишавӣ ва сели хӯрушони ҳаводиси рӯзгори пурошӯби мо танҳо забони тавонманд ва ҷавобгӯи ниёзҳои илм ва фановарии муосир бо имконот ва собиқаю салиқаи худ метавонад дар баробари ин раванду ҳаводис устувору побарҷо монад».

Рисолаи Раҷабов Абубакр Ашурович як қадами ҷиддии дигар дар омӯзиши гӯйишҳои забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Диссертатсия аз муқаддима се боб хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муҳаққиқ чун дигар корҳои илмӣ масъалаҳои таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, соҳаи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ва аҳамияту навгонии таҳқиқотро баён намудааст.

**Боби якуми диссертатсия «Хусусиятҳои овоии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷануби забони тоҷикӣ»** ном дошта, аз се зерфасл иборат аст, ки дар он сабабҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва забонии воридшавии калимаҳои арабӣ зикр гардида, фаслҳои дигари он давоми мантиқии фасли аввал ба шумор меравад.

**Боби дуюм «Хусусиятҳои луғавию маъноии калимаҳои арабӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»** ном дошта аз шаш фасл иборат аст. Дар ин боб масъалаҳои калимаҳои синонимӣ, антонимӣ, сермаъно калимаҳои арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои морфологии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, дар он сохтори грамматикӣ ва қолибҳои калимаҳои иқтибосии арабӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои илмию амалӣ доир ба мавзӯи таҳқиқ дар дувоздаҳ банд овардашудааст.

Ба тариқи хулоса метавон гуфт, ки муаллиф дар роҳи таҳқиқи пайдоиш ва сохтори калимаҳои арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ кори судмандеро ба анҷом расонидааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия мазмуни таҳқиқот ва автореферат ифода менамоянд.

Дар баробари ин дар автореферати диссертатсия бархе аз норасоиҳо ба назармерасанд, киислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар фишурдаи диссертатсия ягон нақша, диаграмма ва инстаграмма оварда нашудааст.

2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва грамматикӣ роҳ ёфтаанд, ки муаллиф имкон дорад онро то ба таври монография интишор намудани диссертатсия ислоҳ намояд (саҳ 1.7.12.19).

Норасоиҳои ҷузъии дар автореферат ҷойдошта ба ҳеҷ ваҷҳ қимату арзиши диссертатсияро коста намегардонанд, зеро ҳамаи онҳо ислоҳшаванда мебошанд.

Дар маҷмӯъ таҳқиқоти ба анҷомрасонидаи Раҷабов Абубакр Ашурович таҳти унвони «Хусусиятҳои овоӣ ва сохториву маъноии калимаҳои иқтибосии арабӣ дар гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» кори илмии пурра ба анҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов Шафоатов Авзалшо Нусратович
07.04.2021

Имзои дотсент Шафоатов А.Н-ро тасдиқ менамоям
Сардори шӯъбаи кадрҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов Деҳқонова Зебо Байзаковна

734053: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, маҳаллаи Луҷоб 53,
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов
Тел: 985 07 44 19